Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳим дар роҳи амалисозии сиёсати саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтар гардидани инфрасохтори нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ, ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ, таъмини мутахассисони баландихтисос ва ҳавасмандгардонии кормандони маъмурият мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бидуни баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурии мо зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода, ки асоси онро омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон  дарбар мегирад, дар автореферати он мубрам арзёбӣ гардидааст.

Далелҳои зикршуда мубрам будани мавзӯи интихобшудаи диссертатсияи илмиро муайян намуда, аҳамияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ менамояд.

Эътибарнокӣ ва навгониҳои илмии автореферати диссертатсия дар таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот муаллиф аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, таҳлили экспертӣ, таҳлили оморӣ, муқоиса ва ғайра истифода бурдааст.

Дар баробари ин, дар автореферати диссертатсия тавсияҳои илмӣ - амалӣ доир ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, ташаккули инфрасохтори ба таври кофӣ бароҳмондашудаи соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Аз нуқтаи назари муаллиф, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисодии кишвар, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин намуда, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид намудани технологияи муосири инноватсионӣ, тақвият бахшидан ба суръати рушди иқтисодии минтақаҳои қафомонда ва омода намудани мутахассисони баландихтисос шароити мусоид фароҳам меоварад.

Сохтори автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои зерин низ ба чашм мерасанд:

1. Аз автореферати муаллиф маълум гардид, ки дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра мавриди таҳлил қарор дода нашудааст.

2. Дар боби сеюми диссертатсия беҳтар мешуд агар ҷиҳати беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётию логистикии МОИ тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда мешуд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи хеле мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати таҳияшуда ба талаботи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи М.С. Осимӣ** **Мирзобеков Х.Д.**

*Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзобеков Х.Д.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроғаи донишгоҳ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо
Раҷабовҳо 10 info@ttu.tj, ttu@ttu.tj
+992 (372) 21-35-11, +992 (372) 23-02-46